**Хулосаи**
**комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-028-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсияи номзадии Ҷураева Хубонгул Ёрмаҳмадовна дар мавзӯи «Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ ва муҳити адабии Ҳисор дар асрҳои XVIII-XIX»– аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. –Адабиёти тоҷик.**

Рисолаи Ҷураева Хубонгул Ёрмаҳмадовна дар мавзӯи «Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ ва муҳити адабии Ҳисор дар асрҳои XVIII-XIX» аз мавзӯъҳои актуалӣ буда, дар он масоили мушаххаси илмӣ бонизом ва дар сатҳи хуби илмӣ ҳаллу фасл шудааст, ки дорои аҳаммияти муҳими назарӣ ва амалӣ мебошад. Дар диссертатсия пажӯҳиши мушаххас ва муфассали илмӣ анҷом ёфта, бо масъалагузории дақиқ, диди тоза ва навгонии илмӣ анҷом ёфтааст.

Муҳиммият ва арзиши илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки маводи зерин барои пурра ва бою ғанӣ гардидани адабиёти оламшумули тоҷику форс нақши муҳим мебозад. Муаллифи рисола зимни омӯзиш ва арзёбии сарчашмаву асарҳои илмие, ки оид ба ҳаёт ва фаъолияти адабии Ҳасрати Ҳисорӣ ва муҳити адабии Ҳисор дар асрҳои XVIII-XIX маълумот медиҳанд, аз ҷумлаи дастхатҳои ашъори шоир, баёзу ҷунгҳо, тазкираҳо шарҳи илмии шоир ва муҳити адабии водии Ҳисорро дар давраи мавриди назар муайян кардааст.

Муаллифи рисола саъй намудааст, ки заминаҳои фарҳангии замони зиндагии Ҳасрат, проблемаҳо ва мавзӯъҳои асосии адабиёт дар он шаҳру навоҳие, ки шоир зиндагӣ намудааст, иртиботаш бо ҳокимони замон ва робитаҳояш бо шоирони ҳамасрашро муайян кунад, то ба ин васила ба шарҳи илмии рӯзгори шоир ноил гардад. Х. Ё. Ҷураева барои таъйини мақоми шоир дар таърихи адабиёти тоҷик давраҳои ташаккули шахсияти Ҳасратро ба ҳайси шоири орифи исёнгар, таркиби жанрӣ, мундариҷаи ғоявии ашъори ӯ, сабку услуби эҷод, шеваи хоси суханварӣ, таъсирпазириаш аз шуарои пешин ва ҳамсуханиаш бо муосирин мавриди

таҳқиқ қарор додааст. Илова бар ин, муаллифи рисола мундариҷаи ғоявии ашъори Ҳасрат, сабки шеваи сухан ва ҷаҳонбинии ӯро бо шоирони ҳамасраш муқоиса намудааст. Таҳқиқи ин масъалаҳо ба муаллифи рисола имкон имкон додааст, ки муҳити адабии водии Ҳисорро дар охири асри ХУ111 ва ибтидои асри Х1Х муайян кунад ва мақоми Ҳасрат дар таърихи адабиёти тоҷикӣ бо далоили илмӣ собит намояд.

Боби якуми диссертатсия ба мавзӯи «Муҳити сиёсию адабии Ҳисор дар асрҳои XVIII-XIX» бахшида шуда, дар фасли аввал вазъияти сиёсию иҷтимоӣ ва адабии замони зиндагии Мирзо Ҳасрат, вазъи доираҳои адабии Бухорову Самарқанд, алалхусус водии Ҳисор, шумораи шоирону адибони ин водӣ дар асрҳои XVIII-XIX, нақши ҳунармандон ва шахсиятҳои машҳури тасаввуф дар рушду ривоҷи ин водӣ таҳлил ва баррасӣ гардидааст.

Дар фасли дувуми боби аввал, ки «Шоирони ҳамасри Мирзо Ҳасрат ва муҳити адабии ин давра» ном дорад, перомуни шоирони ҳамасри Мирзо Ҳасрат ва вижагиҳои адабиёти ин давра сухан меравад.

Дар боби дувуми рисола, ки "Шарҳи ҳоли Мирзо Ҳасрат ва мероси адабии ӯ" унвон дорад, бевосита рӯзгор ва меросии адабии шоир мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар фасли аввали боби дувуми диссертатсия муаллиф бо такя ба маълумоти сарчашмаҳои адабию таърихӣ ва алалхусус девони шоир, шарҳи илмии рӯзгори Мирзо Ҳасрат дақиқ муайян гардидааст.

Фасли дувуми боби дувуми диссертатсия ба таҳқиқи масъалаи мероси адабии Мирзо Ҳасрат бахшида шуда, дар он анвои адабии ашъори Ҳасрат, баррасии баёзу ҷунгҳо, маълумоти сарчашмаҳо ва асарҳои тадқиқотии донишмандон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар рисола ба таври муфассал дастхатҳои ашъори боқимондаи шоир бо маҷмӯаҳои банашррасидаи мероси адабии ӯ муқоисаву баррасӣ шудаанд. Муаллиф дар асоси далелҳои илмӣ теъдоди ашъори шоир ва

анвои адабии онро дақиқ муайян намуда, маҷмӯаи нисбатан мукаммали осори Ҳасратро ба нашр расонидааст.

Дар боби севуми рисола мероси адабии шоир аз диди мавзӯю муҳтаво баррасӣ шуда, хусусияти бадеии онҳо нишон дода шудааст. Дар фасли нахусти ин боб ба таври мӯъҷаз перомуни мавзӯйи ишқ ва анвоъи он дар адабиёти форсии тоҷикӣ маълумот оварда шуда, нақши он дар ашъори Мирзо Олимҷон таҳқиқ шудааст. Натиҷаи таҳқиқи ин масъала муаллифро ба хулоса оварда, ки дар сурудани мавзӯйи ишқ шоир аслан ҳамон суннатҳои адабиёти классикии форсу тоҷикро идома додааст.

Фасли дувуми боби савуми рисола ба яке аз мавзӯъҳои ҷовидонаи адабиёти форсии тоҷикӣ, панду ахлоқ ихтисос дода шуда, нақши он дар ашъори Ҳасрат мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф баъд аз баррасии мавзӯйи номбурда ба хулоса меояд, ки Ҳасрат дар ин масъала низ ҳамон суннатҳои адабии пешиниёнро идома додааст.

Фасли сеюми боби севуми рисола «Шикоят ва эътироз алайҳи беадолатиҳои замон, танқиди ҳокимон ва зимомдорони давр» унвон дошта, андешаҳои танқидии шоир мавриди таҳқик қарор гирифтааст. Бино ба гуфтаи муаллифи рисола, маҳкуми аҳли ҷоҳу сарват ва ҳимояти халқи мазлум яке аз нишонаҳои асосии қувват гирифтани рӯҳияи эътирозӣ дар адабиёти ин давра аст, ки ашъори Ҳасрати Ҳисорӣ намуҷаи боризи он мебошад. Қиёми шоир ба муқобили тӯдаи ҳукмрон, этирози ӯ алайҳи зулми золимон ва дифоъ аз мардуми мазлум ба ҳаҷви намояндагони ҷудогонаи зимомдорон бо услуби аҷиби ҳаҷвии «титол» ё «татол» сурат гирифтааст, ки ба гуфти муаллиф, аз мушаххасоти сабки Ҳасрат аст.

Дар фасли чаҳоруми боби мазкур хусусияти бадеии ашъори Мирзо Ҳасрат мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст. Масъалаи бадеияти ашъори шоир дар ин фасл хеле муфассал матраҳ шудааст. Натиҷаи таҳқиқ нишон дода, ки Ҳасрати Ҳисори аз пайравони сабки бедилист, аммо нисбат ба шоирони ин сабк забони содаву равон дорад.

Дар хулосаи рисола натиҷагириҳои тадқиқот зикр шудаанд.

Дар маҷмӯъ диссертатсияи Ҷураева Хубонгул Ёрмаҳмадовна «Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ ва муҳити адабии Ҳисор дар асрҳои XVIII-XIX» тадқиқоти комилу анҷомёфта мебошад ва комиссияи экспертӣ корро ба ҳимоя тавсия менамояд.

**Комиссия пешниҳод менамояд:**

1. Диссертатсияи Ҷураева Хубонгул Ёрмаҳмадовна «Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ ва муҳити адабии Ҳисор дар асрҳои XVIII-XIX» аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. –Адабиёти тоҷик барои ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-028-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои ҳимоя пешниҳод шавад.

2. Муаллифи рисола дар ҳаҷми 156 саҳифа маҷмӯаи ашъори шоирро тартиб дода ва инчунин 4 (чор) мақола дар журналҳои қайди КОА-и Федератсияи Россия нашр намудааст, ки мазмун ва муҳтавои диссертатсияро дар бар мегиранд. Ҳаҷми умумии корҳои нашршуда 11.125 ҷ/ч мебошад.

3. Автореферат ба талаботи пешбинишудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, мазмун ва муҳтавои диссертатсияро дар бар мегирад.

4. Дар рисола маводи фаровони илмӣ бо истифодаи номгӯи адабиёт, сарчашмаҳо ва манбаъҳои таҳқиқ истифода шудааст.

5. Ба сифати муқарризони расмӣ пешниҳод мешаванд:

Шарофзода Гавҳар – доктори илмҳои филологӣ, дотсент, Раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Низомов Муҳриддин Зайниддинович – номзади илмҳои филология, дотсенти кафедраи таърихи адабиёти тоҷики ДМТ.

6. Муассисаи пешбар: Институти забон ва адабиёт ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакии АИ ҶТ.

7. Диссертатсияи Ҷураева Хубонгул Ёрмаҳмадовна «Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ ва муҳити адабии Ҳисор дар асрҳои XVIII-XIX» ба сайти интернетии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ворид карда шавад.

**Раиси комиссия** Элбоев В.

**Аъзои комиссия** Муллоев А.

Хоҷазод С.

Имзои Элбоев В., Муллоев А. ва Хоҷазод С.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси

Донишгоҳи давлатии омӯзгории

Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Назаров Д.